Тақризи

мушовири илмӣ д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ,

директори Маркази антропологияи АМИТ М.Музаффарӣ

Мубрамияти мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» аз хусусиятҳои рушди ҳаёти маънавии ҷомеаи имрӯза, ба хусус муносибати на ҳамеша солими нухбагони дини ҷомеа ба асли дунявият ва арзишҳои дунявӣ ва дар заминаи он нерӯ гирифтани раванди таассубу хурофоти динӣ дар байни аҳли ҷомеа бармеояд.

Пуршиддат гардидани вазъи динӣ дар кишвар баъд аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва ба имкониятҳои васеъ даст ёфтани нерӯҳои аз дин манфиатҷӯ дар самти таҳким бахшидани ҷойгоҳи худ дар ҷомеа мубрамияти мавзуи интихобгардидаро дучанд мегардонад.

Муҳимияти таҳқиқи мавзуи интихобшуда ҳамчунин бо раванди аз худ дарак додани нерӯҳои ифротии динӣ ва ҳамлаҳои пайваста ва муассири онҳо ба арзишҳои дунявии хусусияти миллидошта асоснок мегардад.

Дар робита ба асосҳои назариявии мубрамияти мавзӯи баёншуда таҳқиқи мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» - ро ба мушкилоти маънавии шаклгирифтаи ҷомеа метавон ҳамчун як вокуниш ё акси садое арзёбӣ намуд.

Диссертатсия аз чор боби аз лиҳози мавзуъ мантиқан ба ҳам алоқаманд таркиб ёфтааст. Боби якумро диссертант ба ҷанбаи методологии таҳқиқи дунявият бахшида, дар зербоби аввали он мафҳуми «дунявият» - ро хеле васеъ ва амиқ таҳқиқ намудааст. Таҳқиқи муфассали мафҳуми мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дунявият принсипи асосӣ дар ҳама гуна низоми дунявӣ буда, тавассути мақом ва нақши муайянкунандаи арзишҳои дунявӣ таҳаққуқ мепазирад. Бахри собит сохтани ногузирии арзишҳои дунявӣ барои ҳаёти башарӣ ва воридшавии муназзам ба таҳқиқи мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» диссертант ҷойгоҳи арзишҳои дунявиро дар марҳилаҳои муайяни таърихи афкори

фалсафӣ ва таълимоти динҳои сомии тоисломӣ ҳадафмандона ва мантиқан дуруст мавриди таҳқиқ карор додааст.

Таҳқиқи заминаҳои дунявият дар ислом оғозбахш ва қутбнамои мавзуи таҳқиқотии диссертатсия аст. Муаллиф ба ташаккули дини ислом даст зада, бо далоили муътамади илмӣ, динӣ ва мантиқӣ собит намудааст, ки Муҳаммад дар зери парчами дини ислом бунёди давлати мутамарказ ва муттаҳид сохтани қабилаҳои парокандаи арабро ҳадаф қарор додааст. Ба қавли дигар дар фаъолияти Муҳаммад арзишҳои динӣ ҳамчун василаи таҳаққуқ пазируфтани арзишҳои дунявӣ хидмат кардаанд.

Дар боби сеюм, дар мисоли воқеияти иҷтимоӣ-иқтисодии иддае аз кишварҳои мусулмоннишин дар асрҳои 19-20 диссертант равшан нишон додааст, ки маҳз маҳдудии пайваста бо арзишҳои динӣ муҷиби қафомонии ҳаматарафаи кишварҳои мазкур гардида, рӯоварӣ ба арзишҳои дунявиро ногузир ва ҳатмӣ гардондаанд. Ҳамин рӯоварии кишварҳои таъкидшуда ба арзишҳои дунявӣ дар ғарбгароӣ ҳамчун шакли зуҳури дунявигароӣ дар диссертатсия хеле равшан нишон дода шудааст.

Мавзуи «Ислом ва арзишҳои дунявӣ» дар боби чоруми диссертатсия бо таҳқиқи масъалаи «Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон» анҷом пазируфтааст. Диссертант муносибати дини исломро ба арзишҳои дунявӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амалӣ нишон додааст.

Хулоса, диссертатсия дар сатҳи зарурӣ бо риояи талаботҳои навиштани рисолаҳои илмӣ таҳия гардидааст ва муаллифи он Абдухалилзода К.А. ҷавобгӯи доктори илмҳои фалсафа дар бахши «диншиносӣ ва фалсафаи дин – 09.00.14» мебошад.

Д.и.ф., профессор, узви вобастаи АМИТ,
директори Маркази антропологияи АМИТ
М.Музаффарӣ

07.02.2024